**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Директори институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З.** ____________
«02» июн ____________ соли 2026

# ХУЛОСАИ
# ИНСТИТУТИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Қодирзода Бахтиёр Бобомурод дар мавзӯи «Банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар шуъбаи масоили мубрами илмҳои ҳуқуқи конститутсионии институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Қодирзода Бахтиёр Бобомурод унвонҷӯи шуъбаи масоили мубрами илмҳои ҳуқуқи конститутсионии институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Қодирзода Бахтиёр Бобомурод соли 2005 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2010 хатм намудааст.

31-январи соли 2020 рисолаи номзадии худро дар мазуи “Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳимоя намудааст.

Мавзуи диссертатсия доктори дар ҷаласаи Шурои олимони муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Номи Хусрав” аз 26-декабри соли 2023 №5 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Назаров Аваз Қувватович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи Қодирзода Бахтиёр Бобомурод дар мавзӯи «Банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар шуъбаи масоили мубрами илмҳои ҳуқуқи конститутсионии институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 29-майи соли 2026, №2 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Қодирзода Бахтиёр Бобомурод дар мавзӯи «Банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Қодирзода Бахтиёр Бобомурод дар мавзӯи «Банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Комиссияи олии атестасионии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-сентябри соли 2025 №10 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи лоиҳаҳои илмии шуъбаи масоили мубрами илмҳои ҳуқуқи конститутсионии институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва мувофиқи «Барномаи давлатии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030», ки бо

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, №265 тасдиқ шудаăст, анҷом дода шудааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар як монография, 21-мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 17-адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои илмии рисолаи доктории Қодирзода Бахтиёр Бобомурод дар мавзӯи «Банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия» на танҳо аҳамияти назариявӣ доранд, балки дар фаъолияти амалӣ низ татбиқи худро пайдо намудаанд. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот бо санадҳои дахлдор, аз ҷумла маълумотномаҳо ва актҳои воридсозӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои таълимӣ пешниҳод гардидаанд, тасдиқ карда мешавад.

Муқарраротӣ асосӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии рисола дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба татбиқи дурусти меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши меъёрҳои алоҳида дар сохтори қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин ҳалли масъалаҳои марбут ба тахассуси ҷиноятҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ба баланд гардидани самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, таъмини фаҳмиши ягонаи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва такмили амалияи татбиқи онҳо мусоидат намудааст.

Ҳамчунин, тавсияҳои илмии таҳиянамудаи муаллиф ҳангоми таҳияи пешниҳодҳо ‘оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омода намудани хулосаҳои таҳлилӣ ва ҳуҷҷатҳои методӣ истифода гардидаанд. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар ин самт барои мукаммал намудани танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии бо ҳуқуқи ҷиноятӣ алоқаманд ва баланд бардоштани сифати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ замина фароҳам овардааст.

Натиҷаҳои рисола дар фаъолияти таълимӣ ва илмӣ низ татбиқ шудаанд. Муқаррароти назариявӣ ва хулосаҳои илмии таҳқиқот ба барномаҳои таълимӣ, маводи лексионӣ, дастурҳои таълимӣ ва семинарҳои илмӣ ворид гардида, дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ истифода мешаванд. Ин ҳолат бо маълумотномаҳои дахлдори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ гардида, аз аҳамияти баланди илмӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада шаҳодат медиҳад.

Санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмии муаллиф дорои арзиши баланди амалӣ буда, дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои таълимӣ бомуваффақият истифода шудаанд. Натиҷаҳои татбиқи онҳо барои такмили амалияи ҳуқуқ-татбиқкунӣ, рушди минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии мутахассисони соҳаи ҳуқуқ мусоидат намуда, самаранокии воқеии онҳоро дар амал тасдиқ менамоянд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ назаррас ва муайянкунанда буда, дар ҳамаи марҳилаҳои анҷом додани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ инъикоси худро ёфтааст. Довталаб мустақилона мавзӯи таҳқиқотро интихоб намуда, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқотро муайян кардааст, инчунин заминаҳои назариявӣ, методологӣ ва ҳуқуқии таҳқиқотро таҳия ва асоснок намудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот аз ҷониби довталаб омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои байналмилалӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ вобаста ба масъалаҳои

банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф мустақилона ҳолати кунунии масъалаи таҳқиқшавандаро арзёбӣ намуда, нуқсонҳо ва масъалаҳои баҳсталаби назариявию амалиро муайян кардааст.

Довталаб дар асоси таҳлили илмӣ ва муқоисавии қонунгузорӣ консепсияи муаллифии банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятиро пешниҳод намуда, меъёрҳои илмии гурӯҳбандӣ ва таснифи онҳоро таҳия кардааст. Хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмии дар рисола пешниҳодшуда натиҷаи мустақими фаъолияти таҳқиқотии муаллиф буда, бо навгонии илмӣ ва аҳамияти амалӣ фарқ мекунанд.

Муаллиф мустақилона таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, аз ҷумла амалияи судӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро анҷом дода, мушкилоти мавҷудаи татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятиро муайян намудааст. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи он таҳия гардидаанд.

Муқаррароти асосӣ, натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола инъикосшуда дар мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ, инчунин дигар интишороти муаллиф ба табъ расида, аз ҷониби ҷомеаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамин тариқ, ҳамаи натиҷаҳои асосии илмии рисола, аз ҷумла таҳияи заминаҳои назариявии таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи илмӣ ва амалиявӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, таҳияи хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ, инчунин омода намудани интишороти илмӣ, аз ҷониби довталаб мустақилона анҷом дода шуда, саҳми шахсии ӯ дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ назаррас ва ҳалкунанда мебошад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мавзуъ ва объектҳои таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, шаш боб, поздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот,

рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**Моногорафия:**

**[1-М].** Қодирзода, Б.Б. Консепсияи муосири қонунгузории ҷиноятӣ ва низоми институтҳои он [Матн] / Б.Б. Қодирзода. – Душанбе, 2026. – 420 с.; ISBN 978-99985.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[2-М].** Қодиров, Б.Б. Ҷавобгарии ҳуқуқии адвакат дар назди муштарӣ [Матн] / Б.Б. Қодиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №1. – С. 196-201; ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Қодирзода, Б.Б. Институти таснифи ҷиноятҳо дар қонунгузории кишварҳои ИДМ ва Балтика [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – №4. – С. 238–245; ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Қодирзода, Б.Б. Норасоиҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – №5. – С. 241-247. ISSN 2413-5151.

**[5-М].** Қодирзода, Б.Б. Сарчашмаҳои умумии қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025 № 6 – С. 225–231 ISSN 2413-5151.

**[6-М].** Қодирзода, Б.Б. Маҳфуми ба ҷамъият хафнокӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ: масоили назариявӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2026. – №3 – С. 317-324; ISSN 2413-5151.

**[7-М].** Қодирзода, Б.Б. Норасоӣ дар қонуни ҷиноятӣ: маҳфум, тасниф ва роҳҳои бартарафсозӣ [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2026. – №1 (41). – С. 201-213; ISSN 2414-9217.

**[8-М].** Қодирзода, Б.Б. Маҳфуми ҷиноятҳо бо аломатҳои алтернативии таркиби онҳо [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Қонунгузорӣ. – 2025. – №1 (57). – С. 248-254; ISSN 2410-2903.

[9-М]. Қодирзода, Б.Б. Принсипҳои мантиқии ба категорияҳо тақсим кардани ҷиноятҳо [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Қонунгузорӣ. – 2026. – №1 (61). – С. 178-183; ISSN 2410-2903.

[10-М]. Назаров, А.Қ., Қодирзода, Б.Б. Алоқамандии қисми умумӣ ва қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / А.Қ. Назаров, Б.Б. Қодирзода // Фурӯғи илм (маҷаллаи байналмилалии илмӣ). – 2025. – С. 215-220; ISBN 978-99985.

[11-М]. Қодирзода, Б.Б. Фаҳмиши муносибатҳои ҷамъиятӣ ва обективӣ нисбат ба таркиби ҷиноят [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Фурӯғи илм (маҷаллаи байналмилалии илмӣ). – 2025. – №2 (06). – С. 134-140; ISBN 978-99985.

[12-М]. Қодирзода, Б. Б. Масоили ҷудосозии институтҳо дар низоми қонунгузории ҷиноятӣ [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2026. – №4. – С.329-336; ISSN 2413-5151.

[13-М]. Қодирзода, Б.Б. Таснифи ҷиноятҳо вобаста ба аломатҳои тарафи субъективӣ [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Ахбори Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ-иттилоотии ҳуқуқӣ). – 2026. – №2. – С. 381-390; ISSN 3107-247X.

[14-М]. Қодирзода, Б.Б. Мафҳум ва хусусиятҳои категорияҳои ҷиноятҳо [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Ахбори Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ-иттилоотии ҳуқуқӣ). – 2026. – №2. – С. 403-409; ISSN 3107-247X.

[15-М]. Қодирзода, Б.Б. Шакли гуноҳ ва дигар меъёрҳои ба категорияҳо ҷудо намудани ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Ахбори Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ-иттилоотии ҳуқуқӣ). – 2026. – №2. – С .427-236; ISSN 3107-247X.

[16-М]. Қодирзода, Б.Б. Категориябандии ҷиноятҳо ҳамчун воситаи фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Фурӯғи илм (маҷаллаи байналмилалии илмӣ). – 2026. – С. 78-84; ISBN 978-99985.

[17-М]. Кодирзода, Б.Б. Общие основы классификации преступления [Текст] / Б.Б. Кодирзода // Законодательства. – 2026. – №2 (62). – С. 286-294; ISSN 2410-2903.

**[18-М].** Қодирзода, Б.Б. Таҷрибаи хориҷии таснифот ва ба категорияҳо ҷудо намудани ҷиноятҳо [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2026. – №2. – С. 156-169. ISSN: 2219-5408

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои даврӣ чоп шудаанд:**

**[19-М].** Қодирзода, Б.Б. Гурӯҳбандии институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-уми солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва иноватсия" ва қабул гардидани қатъномаи СММ зери унвони "Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи марказӣ" (ш. Душанбе, 5-уми декабри соли 2025). – 2025. – С. 550-556.

**[20-М].** Қодирзода, Б.Б. Принсипҳои мантиқии ба гурӯҳҳо тақсим кардани ҷиноятҳо [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Маводи Конференсияи амалӣ-ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Вазъият ва дурнамои амнияти иттилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷиксисон" (ш. Душанбе, 13-14-уми июни соли 2025). – 2025. – С. 176-172

**[21-М].** Қодирзода, Б.Б. Масъалаҳои сарчашмаҳои иҷтимоии қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / Б.Б. Қодирзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Муқовимат ба экстремизму терроризм дар шароити нави тағйирпазирии ҷомеа" (ш. Душанбе, 3-майи соли 2025). – 2025. – С. 83-103.

**[22-М].** Кодирзода, Б.Б. Административно-юрисдикционная дятельность: понятие и содержание [Текст] / Б.Б. Кодирзода // Материалы международной научно-практической конференции «Наука и практика права», посвященной дню таджикской науки и памяти Почетного профессора Академии МВД Республики Таджикистан, заслуженного ученого Российской Федерации, доктора юридических наук, профессора Р.С. Мулукаева. (г. Душанбе, 18 апрель 2025 года). – 2025. – С. 108-114.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Қодирзода Бахтиёр Бобомурод дар мавзӯи «Банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори тақикии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Қодирзода Бахтиёр Бобомурод дар мавзӯи «Банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 29 майи соли 2026 таҳти рақами №2 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 8-нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» 8-нафар, «зид» -нест, «бетараф» -нест.

**Раискунанда,** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи
муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Furthermore Furthermore Бобоҷонзода И. Ҳ.
**Котиби ҷаласа:** Саидзода М. Ё.

**Имзоҳои Бобоҷонзода И.Ҳ. ва Саидзода М.Ё-ро тасдиқ мекунам:**
Нозири калони кадрҳои Институти давлат
ва ҳуқуқи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Давлатмуродзода Б. Д.
“29” май соли 2026

**Ҷумҳурии Тоҷикистон,734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 19;**
**Тел./ fax 8(992)37 221-65-72; 221-65-85;**
**Почтаи электронӣ: idh@amit.tj,**
**Сомонаи интернетӣ: www. idhamit.tj**